«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________
«21» _______03_______2023 с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзӯи «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Негматов Баҳодур Сафарович аз соли 2014 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Ӯ аз соли 2013 то имрӯз ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ фаъолият мекунад.

Соли 2010 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз санаи 23 июни соли 2023 таҳти №88 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Мирзамонзода Хайрулло Мирзамон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Аз рӯйи муҳокима хулосаи зерин қабул гардид:**

Тадқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказии илми мурофиаи ҷиноятӣ – тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шуда, дар доираи он вазъи

батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи мавзуъ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Негматов Баходур Сафарович ба яке аз масъалаҳои мубрами мурофиаи ҷиноятӣ дар шароити муосир – тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси истифодаи адабиётҳои васеи илмии олимони ватанию хориҷӣ, ба назари эътибор гирифтани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи пешақадам ва қонунгузории кишварҳои мутамаддин масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзуро мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор додааст.

Муҳаққиқ дар хусуси зарурати анҷом додани чунин як таҳқиқоти фарогири илмӣ дар пайвандӣ ба масъалаи мазкур бамаврид таъкид менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани соҳибистиқлолии давлатӣ бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёдро, ки ҷавҳари онро эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ташкил медиҳад, ҳамчун ҳадафи асосии худ муқаррар намуд. Имрӯз дар Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба назар мерасанд, ки ба беҳтар намудани шароити арзанда барои ҳаёт, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд равона шудааст.

Маҳз бо шарофати Истиқлоли давлатӣ дар ҳаёти ҳуқуқии кишвар бо мақсади тақвияти кафолатҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дигаргуниҳои куллӣ падид омаданд. Дар ин самт метавон аз раванди ислоҳоти судӣ – ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом ёфта истодааст, ёдовар шуд. Дар доираи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.06.2007, № 271 тасдиқ шуда буд, анҷом додани як қатор чорабиниҳо дар самти рушд ва мустаҳкам намудани асосҳо ва кафолатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар мурофиаи ҷиноятӣ, пешбинӣ шуда буданд.

Қабули Кодекси амалкунандаи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавриди амал қарор гирифтани он аз 01-уми апрели соли 2010 таъйиноти асосии мурофиаи судии ҷиноятиро тағйир дода, кафолатҳои ҳуқуқи айбдоршавандаро (судшавандаро) зимни ба амал баровардани пешбурди парванда мустаҳкам намуда, максад ва вазифаҳои навинро вобаста ба такозои замон муқаррар намуд. Дар ин самт дар мухлатҳои оқилона баррасӣ намудани парванда ва ба амал баровардани адолати судӣ аз рӯйи парвандаҳои чиноятӣ дар таъмини ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ нақши мухим мебозад. Мутаассифона, рушди сатҳи чинояткорӣ дар мамлакат ба баамалбарории адолати судӣ аз рӯйи парвандаҳои чиноятӣ дар умум ва дар муҳлатҳои окилона баррасӣ намудани онҳо таъсири худро мерасонанд. Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки имрӯз ба судҳои салоҳияти умумидоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон микдори зиёди парвандаҳои ҷиноятӣ ворид мегарданд, ки боиси афзун гардидани сарбории судяҳо гардидасст. Ҳамчунин, ин ба таъмини ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ низ бе таъсир намемонад.

Яке аз роҳҳои ҳалли масъалаи самаранок истифода намудани муҳлатҳои мурофиавӣ, кам намудани сарбории судяҳо, дар муҳлатҳои муқарраршуда ва бо харҷи камтар баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ ин ба низоми мурофиаи ҷиноятӣ ворид намудани тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ махсуб меёфт. Дар ин қисмат махсус бояд қайд намуд, ки мутобиқ ба муқаррароти принсипи баробарии иштирокчиёни мурофиаи судӣ баррасӣ намудани парванда, риояи дахлдори ҳуқуқу озодиҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, таъмини хуқуқ ба ҳимояи судӣ, дар муҳлатҳои оқилона баррасӣ намудани парвандаҳо, суръатнокии тафтиши пешакӣ, бо тартиби соддакардашуда ва сарфаи ками вақт баррасӣ намудани парвандаҳо дар суд ва ғайра аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки бояд дар қонунгузорӣ муқаррар гардида, мавриди татбиқи воқеъбинона қарор гиранд. Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ имконият медиҳад, ки қувва ва воситаҳои мурофиавӣ оқилона тақсим ва ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрванд, аз ҷумла, ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ба

таври дахлдор таъмин гардад. Бинобар ин зарур аст, ки тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ҷоннок карда шавад.

Пас аз муқаррар гардидани падидаи тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ тадриҷан мавқеи муҳимро зимни баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ишғол намуд. Таҳлилҳои оморӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар муҳлати амали Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи парвандаҳои баррасишаванда муттасил зиёд шудааст. Масалан, дар соли аввали амали Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2010) агар 134 парвандаи ҷиноятӣ (2,29%) бо тартиби соддакардашуда баррасӣ шуда бошад, пас дар соли 2021 шумораи парвандаҳои ҷиноятии бо тартиби мазкур баррасишуда ба 4 591 адад (46,78 %) расидаст, ки аз зиёд гардидани таҷрибаи васеи судӣ оид ба татбиқи падидаи мазкур шаҳодат медиҳад. Холатҳои қайдгардида ба тадқиқоти илмӣ такони нав бахшида, арзиши амалии онро дар мурофиаи ҷиноятӣ зиёд мегардонад.

Омӯзиши қонунгузории амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ бозгӯйи он аст, ки танзими меъёрии падидаи мазкур ба таври дахлдор ба роҳ монда нашуда, он дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар доираи як модда пешбинӣ шудааст. Дар тӯли замони татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ бисёр масъалаҳое рӯйи кор омадаанд, ки онҳо низ ба танзими ҳуқуқӣ ниёз доранд. Чунин ҳолат боиси дур шудан аз талаботҳои қонун гашта, ба дарк ва фаҳмиши нодурусти қоидаҳои татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ оварда мерасонад. Ин ҳолат тақозо менамояд, ки танзими ҳуқуқии падидаи мазкур бо ба инобат гирифтани амалияи судӣ ва таҷрибаи хориҷии татбиқи тартиби соддакардашуда бояд такмил дода шавад.

Анҷом додани ин вазифаҳо бе таҳлили ҳамаҷониба ва амиқи илмии асосҳои ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии ба он асосёфта ғайриимкон мебошад. Ҳамзамон дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ тартиби

соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ умуман матлаби омӯзиши мустақил ва таҳқиқоти илмӣ қарор нагирифтааст. То имрӯз дар ин самт асосҳои консептуалии ин падида коркард нагардида, асосҳо, шартҳо ва оқибатҳои ҳуқуқии татбиқи ин падида муайян карда нашуда, раванди анҷом додани он муносиб карда нашудааст.

Асосҳои ишорашуда бозгӯйи онанд, ки масъалаҳои назария ва амалияи татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ мавриди коркард қарор дода нашудаанд ва бо мақсади такмил додани қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани натиҷабахшии баамалбарории адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниёз ба таҳқиқоти илмӣ доранд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ муайян менамоянд.

Доираи масъалаҳое, ки ҳангоми таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби унвонҷӯ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ниҳоят васеъ буда, паҳлуҳои мухталифи он аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар ин самт фикру андешаҳои худро иброз намудаанд. Аммо, бояд хотиррасон намуд, ки то ҳол дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти алоҳидаи назариявӣ оид ба тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ анҷом дода нашудааст. Мақсади асосии таҳқиқот омӯзиш, таҳлил ва муайян намудани проблемаҳои назариявӣ, танзими қонунгузорӣ, амалияи татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ, муайян кардани мушкилоте, ки зимни татбиқи он ба миён меоянд ва таҳияи пешниҳодҳо дар раванди амалишавии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба соддагардонии баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии тафтиши судии парвандаҳои ҷиноятӣ равона карда шудааст, ба ҳисоб меравад.

Барои расидан ба мақсадҳои дар таҳқиқот гузошташуда муаллиф вазифаҳои зеринро анҷом додааст:

- муайян намудани мафҳум, мазмун ва табиати ҳуқуқии тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ;
- муайян намудани мавқеи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар байни дигар намудҳои пешбурди соддакардашудаи муҳокимаи судӣ;
- таҳлили илмию амалии ташаккул ва рушди тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ;
- омӯзиши махсусиятҳои падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар давлатҳои хориҷи дуру наздик ҷиҳати коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ;
- муайян намудани таъсири тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ ба самаранокии баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва сарфаи мӯҳлатҳои мурофиавӣ;
- муайян намудани асосҳои мурофиавӣ-ҳуқуқии татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ;
- муайян намудани шартҳои мурофиавӣ-ҳуқуқӣ барои татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ;
- муайян кардани оқибатҳои ҳуқуқии татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ барои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ;
- таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ оид ба тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ.

**Объекти таҳқиқотро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки дар соҳаи танзими татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд. Бояд қайд намуд, ки ба сифати объекти таҳқиқот фаъолияти иштирокчиёни муҳокимаи судӣ ҳамчун тарзи маъруфи муҳокимаи судӣ низ баромад менамояд.

**Мавзуи таҳқиқоти** диссертатсиониро меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятие, ки асосҳо, шартҳо, тартиб ва оқибатҳои ҳуқуқии татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судиро муқаррар менамоянд; амалияи судии татбиқи он, инчунин ақидаҳои назариявӣ оид ба мафҳум, моҳият ва мавқеи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар низоми мурофии ҷиноятӣ ташкил медиҳанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба мафҳум, моҳият, асосҳо, шартҳо ва паҳлуҳои мурофиавии тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия тамоми паҳлуҳои танзими ҳуқуқӣ ва проблемаҳои амалии падидаи мазкур мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳое, ки зимни таҳқиқи рисола пешниҳод шудаанд, метавонанд нақши созгорро дар таҳким ва такмили қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ва амалияи судӣ дошта бошанд ва барои беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиққунии фаъолияти мақомоти судӣ зимни татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 14 мақолаҳои илмӣ ба табъ расондааст, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядиҳанда нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд. Аз ҷумла:

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М]** Негматов Б.С. Правовая природа и особенности упрощенного порядка судебного следствия в уголовном судопроизводстве [Текст] / Б.С. Негматов // Законодательства. Научно – аналитический журнал

Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2019. – № 2 (34). – С. 86 – 92.

**[2–М]** Гафуров Х. М., Негматов Б.С. К вопросу об упрощенном порядке судебного следствия [Текст] / Х.М. Гафуров, Б.С. Негматов. // Вестник Таджикского национального университета (серия социально-экономических и общественных наук). Душанбе, 2019. – №1. – С. 229-231

**[3–М]** Негматов Б.С. Инъикоси падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар санадҳои ҳуқуқӣ (ҷанбаи таърихӣ-ҳуқуқӣ) [Матн] / Б.С. Негматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – Душанбе, 2022. – №5. – С. 247-253.

**[4–М]** Негматов Б.С. Тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ – намуди пешбурди соддакардашудаи судӣ [Матн] / Б.С. Негматов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2022. – № 3 (23). – С. 253-263.

**[5–М]** Мирзамонзода Х.М., Негматов Б.С. Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ бо мурофиаҳои соддакардашудаи судӣ дар баъзе кишварҳои хориҷӣ [Матн] / Х.М. Мирзамонзода, Б.С. Негматов. // Қонунгузорӣ. Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – № 2 (50). – С. 149-157.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6–М]** Негматов, Б.С. Асосҳои ҳуқуқии ба амал баровардани тафтиши соддакардашудаи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.С. Негматов // Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар ҶТ (маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ). / зери таҳрири Маҳмудов И.Т ва Сафаров А.И. - Душанбе: Империал-Групп, 2015. – С. 253-260.

**[7–М]** Негматов Б.С. Тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар заминаи эҳтимолияти бегуноҳӣ [Матн] / Б.С. Негматов // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: “Накши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ” // зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2017. – С. 155-159.

**[8–М]** Негматов Б.С. Асос ва шартҳои тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ [Матн] / Гафуров Х.М., Б.С. Негматов // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии “Масъалаҳои мубрами ислоҳоти қонунгузории мурофиавӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ” (маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ, ш. Душанбе, 25 ноябри соли 2016) // Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: “Визави”, 2016. – С. 71-76.

**[9–М]** Негматов Б.С. Пешбурди суръатнок ва соддакардашуда дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / П.С. Абдуллоев, Б.С. Негматов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдори миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» зери таҳрири н.и.х., дотсент Рахмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. – С. 190-200.

**[10–М]** Негматов Б.С. Моҳият ва вазифаҳои тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ [Матн] / Б.С. Негматов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ, ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400- солагии Миробид Сайидои Насафӣ». Душанбе, 2019. –Ҷ.2. – С. 197.

**[11–М]** Негматов Б.С. Таъмини ҳуқук ба ҳимояи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби соддакардашуда [Матн] / Б.С. Негматов // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70 – умин солгарди қабули

эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 172-177.

**[12–М]** Негматов Б.С. Пайдоиш ва инкишофи падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Б.С. Негматов // Маводи конфренсияи илми амалӣ дар мавзӯи: «Рушди падидаҳои адолатӣ судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 80 умин солгарди Ҳуқуқшиносӣ шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, нмзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Н.А., ва Рӯзи Ваҳдатӣ миллӣ (ш. Душанбе, 25 июни соли 2019. – С. 205-213.

**[13–М]** Негматов Б.С. Амали принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ [Матн] / Б.С. Негматов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500 солагии Саразми Бостонӣ», «700 – солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Ҷ. II. – Душанбе, 2020. – С. 162.

**[14–М]** Негматов Б.С. Мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқии тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ [Матн] / Б.С. Негматов // Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистн: 10 - соли амал, мушкилот ва дурнамо (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмию амалӣ, ш. Душанбе 16-уми ноябри соли 2020). Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе, 2022. – С. 109-115.

Бо дарназардошти масъалаҳои дар боло матраҳгардида, кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ,

**Қарор кард:**

1. Диссертатсияи Негматов Баҳодур Сафарович дар мавзӯи «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» таҳқиқоти илмӣ-соҳавии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи

пешбинигардидаи соҳиб шудани дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Негматов Баҳодур Сафарович дар мавзӯи «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар, аз ҷумла 2 доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 5 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси №2 аз 19-уми сентябри соли 2023.

**Раисикунандаи ҷаласа: мудири**
**кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати**
**прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,**
**н.и.ҳ., дотсент** **Маҳмудов И.Т.**

**Котиби ҷаласа: мудири кабинети кафедраи**
**ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории**
**факултети ҳуқуқшиносии ДМТ** **Охунова Н.Ш.**

**Имзоҳои Маҳмудов И.Т ва Охунова Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи**
**миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
**«20» 09 2023 с.**